**аз 23.04.2024, №7884/8.1-д**

Шуъба ва бахшҳои бақайдгирии
давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва
соҳибкорони инфиродӣ

Нусха: Мақомоти ҳудудии андоз

Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурииии Тоҷикистон ба маълумоти Шумо мерасонад, ки Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тартиби ба номи шахси ҳуқуқӣ дохил кардани ишора ба номи пурра ё мухтасари расмӣ (номи давлат), инчунин ворид намудани чунин нишондод ё унсурҳои рамзҳои давлатӣ дар унсурҳои ҳуҷҷатҳо ё маводи рекламавӣ шахси ҳуқуқӣ»  аз 28 марти соли 2024, №176 тасдиқ карда шуд.

Мутобиқи талаботи банди 3 тартиби қарори мазкур ташкилотҳои тиҷоратӣ ба номи худ дохил кардани ишора ба номи пурра ё мухтасари расмӣ (номи давлат)-ро дар ҳолатҳои мавҷуд будани яке аз шартҳои зерин истифода бурда метавонанд, агар;

- аз ҷониби давлат таъсис дода шуда бошад;
- на кам аз 25 фоизи саҳмияҳои ҷамъиятӣ саҳомӣ моликияти давлат бошад;
- на кам аз 25 фоизи сармояи оинномавии ташкилотҳои тиҷоратиро моликияти давлат ташкил диҳад;
- андозаи саҳм дар сармояи оинномавии ташкилотҳои тиҷоратӣ на камтар аз панҷоҳ ҳазор нишондиҳанда барои ҳисобҳоро ташкил диҳад;
- филиал ё намояндагии худро дар ҳудуди яке аз шаҳру ноҳияҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дошта бошанд.

Тибқи талаботи банди 3 қарори мазкур Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 18 июли соли 1996, №323 «Дар бораи ҷамъоварии боҷ барои истифода номҳои «Тоҷикистон», «Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва ибораҳои аз онҳо таркибёфта дар номи корхонаю ташкилотҳо ва маҳсулоте, ки онҳо истеҳсол мекунанд» аз эътибор соқит дониста шудааст.

Бо назардошти ҳолатҳои зикршуда, Шуъба ва бахшҳои бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ дар шаҳру ноҳияҳо вазифадор карда мешаванд, ки дар мавриди гузаронидани амалҳои бақайдгирии давлатии таъсисёбӣ ва ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Феҳристи ягонаи давлатӣ вобаста  иваз намудани номгузории шахсони ҳуқуқӣ талаботи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тартиби ба номи шахси ҳуқуқӣ дохил кардани ишора ба номи пурра ё мухтасари расмӣ (номи давлат), инчунин ворид намудани чунин нишондод ё унсурҳои рамзҳои давлатӣ дар унсурҳои ҳуҷҷатҳо ё маводи рекламавӣ шахси ҳуқуқӣ»  аз 28 марти соли 2024, №176 ба инобат гиранд.

Муовини якуми  Раис — А. Солеҳзода